ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 24

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 09.07.2024, № 24.2

Барои сазовор донистани Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария, методология, амалия» аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба ҳимоя 04 апрели соли 2024, протоколи № 23.1. аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Досиев Маҳмадшоҳ Назарович 1 июли соли 1968 таваллуд шудааст.

Соли 2006 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакиро хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ-менеҷер гаштааст.

Аз моҳи сентябри соли 2020 ба ҳайси дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор, сипас дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз моҳи январи соли 2021 то ҳол ба ҳайси мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Соли 2019 дар Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ» ҳимоя намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назаровичо дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, протоколи № 7/13 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.



160

**Муқарризони расмӣ:**

- Исайнов Ҳисайн Раҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон;
- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратҷаласаи № 11 аз 01.06.2024 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Нуридинов С.З., эксперт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Мирсаидов С.А. ва котиби ҷаласа Абдумухторзода Н. А. имзо шуда, аз тарафи ректори донишгоҳи зикршуда номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ. А. санаи 21.06.2024 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария, методология, амалия», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи рисолаи докторӣ, ба бандҳои 32 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаҳои мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Досиев Маҳмадшоҳ Назарович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба иқтисоди соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 80 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 80 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 28 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:



161

**А) Монографияҳо**

[1-М]. Досиев М.Н. Рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / М. Н. Досиев // - Душанбе: Ирфон, 2023. – 247 с.

[2-М]. Досиев М.Н. Формирование, взаимодействие и развитие экологического предпринимательства в Таджикистане. Монография / М.Н. Досиев, З.В. Кобулиев // - Душанбе: Шарқи озод, 2020. – 183 с .

**Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[3-М]. Досиев М.Н. Саҳми фаъолияти соҳибкории экологӣ дар бахши муҳити зист ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-3 (66). – С. 17-23.

[4-М]. Досиев М.Н., Шохзода Н.И. Изучение и реализации зарубежный опыт развитие форм экологического предпринимательства в Республике Таджикистан / М.Н. Досиев, Н.И. Шохзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – 4/2 (50). – С. 154-158.

[5-М]. Досиев М.Н. Нақш ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария ва амалия / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-1 (63). – С. 27-33.

[6-М]. Досиев М.Н. Хусусиятҳои ташкил ва рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" / М.Н. Досиев, К.С. Зоҳидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 3 (37). – С. 131-142.

[7-М]. Досиев М.Н. Нақши соҳибкории экологӣ дар ҳалли мушкилоти об дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" / М. Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №. 3 (62). – С. 34-40.

[8-М]. Досиев М.Н. Развитие форм государственного регулирования и поддержки экологического предпринимательства / М.Н. Досиев // Государственное управление. – 2023. – № 2 (61). – С. 32-40.

[9-М]. Досиев М.Н. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили асосии рушди ташкилот / М.Н. Досиев, К.С. Зоҳидов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2023. – № 1 (52). – С. 140-145

[10-М]. Досиев М.Н. Истеҳсоли технологияи муосир яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист / М. Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №. 4-2(59). – С. 43-50.

[11-М]. Досиев М.Н. Нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди босуботи соҳибкории экологӣ / М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 4-1 (43). – С. 79-84.

[12-М]. Досиев М.Н. Государственное регулирование развития экологического предпринимательства как фактор рынка экологических услуг / М.Н. Досиев, Н.И. Шоева // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2022. – № 4-1(51). – С. 167-175.

[13-М]. Досиев М.Н. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона / М.Н. Досиев, К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – № 4-1 (58). – С. 69-74.

[14-М]. Досиев М.Н. Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар заминаи принсипи «иқтисоди сабз» / М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – № 1 (55). – С. 51-57.

[15-М]. Досиев М.Н. Фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 4-1(53). – С. 45-50.

[16-М]. Досиев М.Н. Ташкили соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди саноат / М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4-1 (38). – С. 171-176.

[17-М]. Досиев М.Н. Рушди иқтисоди кишвар тавассути сармоягузории дохиливу хориҷӣ / М.Н. Досиев, Ф.М. Мирсарварзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – № 4 (47). – С. 193-198.

[18-М]. Досиев М.Н. Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои сайёҳӣ / М. Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 2 (51). – С. 39-48.

[19-М]. Досиев М.Н. Такмили идоракунии давлатии рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Н. Досиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 226-230.

[20-М]. Досиев М.Н. Мушкилот, танзим, рушд ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 153-158.

[21-М]. Досиев М.Н. Мукаммалгардонии ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология / М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (32). – С. 53-57.

[22-М]. Досиев М.Н. Совершенствование государственного регулирования и поддержки малого предпринимательства в сфере экологии / М.Н. Досиев, А. Хайрулло // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2020. – № 2 (41). – С. 107-114.

[23-М]. Досиев М.Н. Мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи идоракунии муҳити зист / М.Н. Досиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 1 (21). – С. 115-121.

[24-М]. Досиев М. Н. Экологическое предпринимательство: основные принципы, проблемы и перспективы / М.Н. Досиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 4 (29). – С. 239-245.

[25-М]. Досиев М.Н. Совершенствование управления развитием экологического предпринимательства / М.Н. Досиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 1 (26). – С. 46-50.

[26-М]. Досиев М.Н. Экологическое предпринимательство: сущность, особенности, пути развития / М.Н. Досиев // Таджикистан и современный мир. Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республике Таджикистан. – Душанбе, 2016. - №1 (51). - С.133-139.

[27-М]. Досиев М.Н. Теоретические аспекты основы устойчивого развития и формирования экологического предпринимательства / М.Н. Дотиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/8(181). – С. 71-78.

[28-М]. Досиев М. Н. Формирование рынка экологических товаров и услуг в Республике Таджикистан / М.Н. Достиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/7(178). – С. 86-91.

[29-М]. Досиев, М.Н. Развитие экологического предпринимательства в Республике Таджикистан / М.Н. Достиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/2(161). – С. 212-215.

[30-М]. Досиев, М. Н. Экологический учет и аудит в Таджикистане: проблемы становления и развития / М. Н. Досиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/2(131). – С. 107-110.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Раҳимзода Ш.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо: Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии қайдгардида агар муаллиф дар матни асосии автореферат механизмҳои асосии раванди идоракунии рушди соҳибкории экологиро мушаххас ва дар алоҳидагӣ нишон медод, арзиши илмии кор боз ҳам ғанӣ мегардид. Масъалаи арзёбии муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ, ки шароиту омили муҳими рушди ин навъи соҳибкориро ташкил медиҳад, норавшан мондааст.

2. Пиризода Ҷ.С. – Академики Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд. 2) Хуб мешуд агар муаллиф ҳангоми нишон додани манфиатҳои ташкил ва рушди соҳибкории эологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди “сабз” инчунин, додани имтиёзҳои давлатиро ба ин бахш нишон медод.

3. Шарифов З.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур бо чунин эродҳо: Ба сифати эрод бояд қайд намуд, ки дар тадқиқоти анҷомдодашуда дар миқдори кам аз маводҳои олимони ватанӣ истифода бурда шудаанд. Илова бар ин, модели инноватсионии “Ҳалқаи панҷгона” пешниҳод гардидааст, вале хуб мешуд агар ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд. Инчунин, баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.



164

4. Султонов З.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор профессори кафедраи «Молия ва қарз"-и Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1.Агар муаллиф моҳият ва аҳамияти механизми идоракунии рушди устувори соҳибкории экологиро (расми 3, саҳ. 23) шарҳу тавзеҳ медод, қиммати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд. 2.Дар матни автореферат баъзе мафҳумҳои баҳсталаб нисбати идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва раванди ташаккули иқтисоди "сабз" ба чашм мерасад.

5. Хайрзода Ш.Қ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо: 1) Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд. 2) Хуб мешуд агар муаллиф дар қисмати назариявию методологӣ ва умуман дар раванди таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватаниро, махсусан дар самти идоракунии соҳибкории экологӣ нишон медод, ки ин ҳолат сифати таҳқиқоти анҷомёфта хубтар менамуд.

6. Азимов А.Ҷ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи «Назарияи иқтисод»-и Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд бо чунин эродҳо:1)Дар автореферат оид ба таҷрибаи байналхалқии идоракунии соҳибкории экологӣ ва ташаккули иқтисоди "сабз" маводи бештар мешуд, он гоҳ дараҷа ва қиммати таҳқиқот баландтар мегардид. 2) Дар автореферат хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ дар шакли расм моҳирона пешниҳод гардидаанд, вале хуб мешуд, агар ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд.

7. Ғоибназарзода С.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати диссертатсия оиди методологияи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ вобаста аз истифодаи усулҳои инноватсионӣ нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар усулҳои инноватсионии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ошкор карда шуда, ба инобат гирифта шавад. 2) Дар баъзе аз ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо экологӣ муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди идоракунии рушди соҳибкории экологӣ таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои асосии методологии рушди соҳибкории экологӣ таҳия карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи низоми идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ баррасӣ шудаанд;

- вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессионӣ истифода шудаанд;

- таҳлили таъсирисоҳибкории экологӣ ба самаранокии татбиқи принсипҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» гузаронида шудааст;

- моҳият, махсусият ва самтҳои асосии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ бо назардошти ҳамгироии ҷумҳурӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ таҳия ва пешниҳод шудааст;

-механизми идоракунӣ ва принсипҳои рушди соҳибкории экологӣ таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди соҳибкории экологӣ дар шароити «иқтисоди сабз» равона карда шудаанд;

- натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва инфрасохтори «иқтисоди сабз» истифода шаванд;

- тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ истифода мешаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи рушди устувор ва “иқтисоди сабз”, ҳамчунин идоракунии рушди соҳибкории экологӣ асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз” мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисоди сабз», «Экология» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 80 кори илмӣ, аз он ҷумла 2 монография ва 28 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2019-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 09 июли соли 2024 қарори сазовор донистан Досиев Маҳмадшоҳ Назарович бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар, бо ҳуқуқи овоз 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Қодирова З. Ҳ.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ. Н.**

*Санаи барасмиятдароии хулоса – 10.07.2024*



167